# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”) барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

Мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”) мубраму саривақтӣ маҳсуб ёфта, тадбирҳои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва барномаи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”-ро дар ҳамкории муассисаҳои таълимӣ роҳандозӣ менамояд.

Нематуллоева М.М. қайд намудааст, ки таҳқиқи масъалаи рушди қобилияти зеҳнии хонандагон аҳамияти илмию амалиро касб мекунад, то дар дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат густариш дода, баҳри самаранок истифода намудани усулҳои муосири таълим тамоми чораҳо андешида шаванд. Баррасии таълимоти мутафаккирони гузаштаи тоҷик ва таҷрибаи ватанию хориҷӣ дар самти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ дар вазъи муосири ҷаҳон дарёфт, дастгирӣ ва иҷтимоишавии кӯдакони болаёқат вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа боқӣ мемонад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти тарбияи наслҳои лаёқатмандро дарк карда, дар ин самт тадбирҳои муҳимро рӯи даст гирифтааст.

Масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуъ дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси

диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Боби якум “Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат” аз се фасл иборат буда, дар ин фаслҳо масъалаҳои лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот, усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат вобаста ба гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, инчунин принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Масъалаи лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот ҷанбаҳои илмию иҷтимоии масъалаи лаёқатмандӣ ва муҳиммияти дарёфт ва рушди лаёқатҳо баррасӣ шуда, хулосаҳои таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ ва нуктаҳои педагогикаи миллӣ оварда шудаанд.

Навъҳои лаёқатмандӣ ба баррасии моделҳои бисёромилаи лаёқат, таснифоти падидаҳои лаёқатмандӣ, усулҳои дарёфт ва рушди лаёқатмандӣ нигаронида шудааст.

Дар боби дуюм – “Таълими иловагӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагони болаёқат” буда, масъалаҳои низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе, такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ ва низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе баррасӣ гардидааст.

Дар боби мазкур паҳлуҳои назариявӣ ва амалии раванди ташкили дарсҳои иловагӣ, дастгирии педагогиву психологии он ва принсипҳои асосии банақшагирии таълими фанҳои алоҳида дар низоми таҳсилоти иловагӣ дар мисоли фаъолияти таълимиии Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор дода шудааст.

Қайд мегардад, ки таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Механизми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе аз таҷриба оварда шудааст.

Барои беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои рисола андешаҳои зеринро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мебуд, дар рисола мавриди таҳлили адабиёти илмӣ ва методии олимони ватанию хориҷӣ мушкилоти ҷойдошта дар ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оиларо пурратар пешниҳод мегардид.

2. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта аҳамияти илмии кори диссертатсиониро кам намекунад.

Хулоса, кори таҳқиқотии Нематуллоев Муродбек Музафарович пурра ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, ҷавобгӯи талабот мебошад. Муаллифи рисола сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, ректори
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Намоззода Ҷ.А

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992372) 227-63-91; почтаи электронӣ: jama75fti@mail.ru

Имзои Намоззода Ҷ.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Ҳабибзода М.